Бо қарори Шӯро олимони
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон
№___ аз "___" "_______" 2024 тасдиқ шудааст.
Раиси Шӯро ______________ Э.С.Насриддинзода

**НИЗОМНОМАИ**
**МАРКАЗИ ИТТИЛООТӢ-ТАҲЛИЛИИ ДОНИШГОҲИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН**

## I. МУҚАРРАРОТИ УМУМӢ

1.1. Маркази иттилоотӣ-таҳлилӣ (минбаъд-Марказ) ҷузъи сохтории Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (минбаъд-Донишгоҳ) маҳсуб меёбад.

1.2. Марказ фаъолияти сомонаи Донишгоҳ-www.tnu.tj, нашрияи «Ба қуллаҳои дониш» ва самти ҷамъоварӣ, нигаҳдорӣ ва коркарди маълумотро дар Донишгоҳ пеш мебарад. Марказ дар фаъолияти худ муқаррароти Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф», Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи матбуоти даврӣ ва дигар воситаҳои ахбори омма», Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фарҳанг», Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба иттилоот» қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, "Оинномаи Донишгоҳ" ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқукии Донишгоҳро риоя ва иҷро менамояд.

1.3. Марказро мудири он роҳбарӣ мекунад, ки бо пешниҳоди муовини ректор оид ба илм ва инноватсия аз ҷониби ректори Донишгоҳ ба вазифа таъин ва аз вазифа озод карда мешавад. Мудири Марказ аз рӯйи вазифаҳои ба зиммаи Марказ гузошташуда масъул мебошад.

1.4. Марказ фаъолияти худро дар ҳамкорӣ бо раёсатҳо, шуъбаҳо ва дигар бахшҳои Донишгоҳ ба роҳ мемонад.

1.5. Кормандони Марказ аз ҷумлаи мутахассисони дорои таҳсилоти олии касбӣ, ки малакаву маҳорати хуби эҷодӣ, рӯзноманигорӣ, таҳлилӣ ва кор бо технологияи муосирро доранд, ба кор таъин карда мешаванд.

1.6. Фаъолияти Марказро муовини ректор оид ба илм ва инноватсия назорат мекунад.

## II. ТАШКИЛИ ФАЪОЛИЯТИ МАРКАЗ

2.1. Тибқи ҷадвали корӣ дар Марказ кормандони зерин фаъолият мекунанд:

- мудир – роҳбари Марказ;
- сармутахассис – масъули нашрияи «Ба қуллаҳои дониш»;
- сармутахассис – масъули сомонаҳо;
- сармутахассис – масъули бахши ҷамъоварӣ, нигаҳдорӣ, коркарди маълумот ва пешниҳоди он ба роҳбарияти Донишгоҳ;
- мутахассис – тарроҳ;
- мутахассис – хабарнигор;
- мутахассис – корманди техникӣ.

2.2. Мудири Марказ тамоми фаъолияти кории Марказро роҳбарӣ намуда, аз номи Марказ баромад менамояд.

## III. ВАЗИФАҲО ВА УҲДАРИҲОИ МАРКАЗ

3.1. Татбиқи амалии дастуру супоришҳои раёсати Донишгоҳ;

3.2. Масъули нишастҳои матбуотӣ;

3.3. Иштирок дар озмун (тендер)-ҳо вобаста ба чопи нашрия;

3.4. Таҳлилу таҳрир ва сари вақт ба чоп омода намудани мавод барои нашрия ва сомонаҳо;

3.5. Назорати сомонаи факултетҳо;

3.6.Омода ва таҳлил намудани ҳисобот ё гузориш аз фаъолияти нашрия, инчунин, таҳрири маводи воридшуда;

3.7. Сари вақт чоп намудани нашрия ва ба сохторҳову устодону донишҷӯён дастрас намудани он;

3.8. Назорат ва ҷойгузории мавод дар сомонаи Донишгоҳ ва факултетҳо;

3.9. Дуруст ба роҳ мондани фаъолияти сомона дар ҳамкорӣ бо сохторҳои Донишгоҳ;

3.10.Ҷавобгар будан дар масъалаҳои техникии сомонаҳо;

3.11. Сари вақт ҷой намудани иттилоъ дар саҳифаҳои сомона бо забонҳои тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ (факултетҳо бо забонҳои тоҷикӣ ва русӣ);

3.12. Таҳияи мақолаҳо дар мавзуи рӯз;

3.13. Ҷамъоварӣ намудани маълумот аз сохторҳои Донишгоҳ;

3.14. Омода намудани ҳисобот оид ба маълумоти ҷамъоваришуда дар Донишгоҳ ва пешниҳод намудани он ба ректори Донишгоҳ;

3.14. Ҷиҳати ҳалли мушкилот ба мутахассисони соҳа мурочиат кардан;

3.15. Андешидани тадбирҳои муассир барои ҷамъоварии маълумот;

3.16. Пешгирӣ намудан аз паҳн шудани маълумоти носаҳеҳ берун аз Донишгоҳ.

## IV. ҲУҚУҚҲОИ МАРКАЗ

4.1.Мувофиқи вазифаҳои хизматӣ ва тартиботи муқарраршуда, аз факултетҳо, раёсатҳо ва шуъбаҳои Донишгоҳ маълумоти зарурӣ ва ахбор оид ба иҷрои ҳуҷҷатҳои амрдиҳанда, дастурҳо, низомномаҳо ва супоришҳоеро, ки ба ташкилу амалисозии фаъолияти Донишгоҳ алоқаманданд, талаб намояд.

4.2. Дар ҷаласаҳои илмӣ-методӣ, Шурои олимон ва чорабиниҳои илмию фарҳангӣ ва вохӯрию мулоқотҳои расмии Раёсати Донишгоҳ иштирок кунад.

4.3. Таҳияи мавод, суҳбату гузоришҳои таҳлилӣ ва бедоркунандаи завқ барои саҳифаҳои сомона ва нашрия омода намояд.

4.4. Дар асоси розигии раёсати Донишгоҳ маълумоти лозима ба сохторҳои гуногуни ҷумҳурӣ пешниҳод намояд.

4.5. Аз сохторҳои Донишгоҳ ҳар семоҳа ҳисобот дар мавриди ҷамъоварии маълумот ва мушкилоти бавуҷудомада талаб кунад.

4.6.Ба ректори Донишгоҳ дар робита ба ҳалли мушкилот таклифҳо пешниҳод намояд.

## V.МУҚАРРАРОТИ ХОТИМАВӢ

4.1.Тағйироту иловаҳо ба Низомнома метавонад дар асоси қонунҳои амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва “Оинномаи ДМТ” амалӣ гардад.

4.2. Қарори қатъ намудани фаъолияти Марказ бо фармоиши ректори Донишгоҳ, мувофиқ ба қонунгузории кишвар метавонад амалӣ гардад.